**МУОВИНИ САРВАЗИРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ПРЕМЬЕР-МИНИСТРА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Вазорату идораҳо
(аъзои Платформаи миллӣ)

Барои иҷро

Ба Ибодзода Х.

М.Алимардон

№ 3 (19-1)
24 апреля 2013

# ПРОТОКОЛИ

ҷаласаи ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ.

5.04.2013 №3 ш. Душанбе

РАИСИ ҶАЛАСА: Ибодзода Х. – Мудири шуъбаи экология ва ҳолатҳои фавқулоддаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси Платформаи миллӣ.

ИШТИРОК НАМУДАНД: Камолов Ҷ.- сардори Раёсати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиби масъули Платформаи миллӣ, Каримов Р.К. - муовини Вазири мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саидов М. – директори Маркази илми тадқиқотии Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тағоев О. – Сармутахассиси шуъбаи ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Юсупов Р. - сармутахассиси Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шомаҳмадов А.М. - мушовири Раиси Кумита, Самиев М.Б.- муовини сардори Маркази иттилоотию таҳлилии Кумита, намояндагони Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид - Кэлли Ҷ., Раноев В. ва Усмонов И.Ҷ.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Муҳокимаи лоиҳаи Дастур оид ба барқарорсозӣ баъд аз ҳолатҳои фавқулодда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Баррасии масъалаи таҳияи «Атласи хатарҳои офатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
3. Муайян намудани афзалиятҳои аввалиндараҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи «Барномаи нав оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ баъд аз соли 2015» (Барномаи амалиёти Хиого-2);

Ҷаласаи ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллиро мудири Шӯъбаи экология ва ҳолатҳои фавқулоддаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ибодзода Х. ҳусни ифтитоҳ бахшида, иштирокчиёни ҷаласаро бо мақсади ҷамъомад шинос намуд.

Қайд намуд, ки фаъолияти Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани офатҳои табиӣ барои омодагӣ ба форуми чоруми Платформаи Глобалӣ (моҳи майи соли 2013, ш. Женева) нигаронида бояд шавад.

АЗ РӮИ МАСЪАЛАҲО БАРОМАД НАМУДАНД:

Усмонов И., Шомаҳмадов А.М., Камолов Ч.Ч.

ДАР МУҲОКИМАИ МАСЪАЛАҲО ИШТИРОК НАМУДАНД:

Каримов Р.Қ., Шомаҳмамов А.М., Камолов Ч.Ч., Усмонов И.

ДАР АСОСИ МӮҲОКИМАИ МАСЪАЛАҲО МАҶЛИС ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Рафти таҳияи лоиҳаи Дастури барқарорсозӣ баъд аз офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул дониста шуда, баррасии лоиҳаи он дар семинари миллӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шавад.

2. Ахбори сардори Маркази таҳлилию иттилотии Кумита Шомаҳмадов А.М. оид ба таҳияи «Атласи хатарҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба инобат гирифта шавад.

3. Котиботи Платформаи миллӣ дар ҳамкорӣ бо Барномаи рушди СММ барои ташкили сафари расмии ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иштирок дар Форуми чоруми Платформаи глобалӣ дар шаҳри Женева омодагирӣ намояд.

4. Афзалиятҳои аввалиндараҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи «Барномаи нав оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ баъд аз соли 2015» (Барномаи амалиёти Хиого-2) маъқул дониста шавад (замима мегардад).

Роҳбари Гурӯҳи доимоамалкунандаи
экспертии Платформаи миллӣ Х. Ибодзода

Замима

ба Протоколи ҳайати гурӯҳи
экспертии Платформаи миллӣ
аз 5 апрели соли 2013, №3

Пешниҳодоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба форуми Платформаи Глобалӣ ва Барномаи амалиёти Хиого-2 баъд аз соли 2015:

- Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавии Платформаҳои миллӣ;
- Таъсис додани манбаъи ягонаи захиравии Платформаи Глобалӣ барои маблағгузории лоиҳаҳо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ;
- Истифодаи дастовардҳои пешқадами технологияҳои муосир;
- Интегратсияи чорабиниҳо марбут ба тағйирёбии иқлим ва паст кардани хавфи офатҳои табиӣ.